аз 05.01.2024, №168-д/4.2.1

Мақомоти ҳудудии андоз

Оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ
аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд"

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 377 Кодекси андоз андозсупорандагоне, ки супорандаи андози низоми содакардашуда мебошанд, барои мақсадҳои муайян намудани манбаи андоз метавонанд низоми содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибии аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия муқарраршударо истифода намоянд.

Ёдрас менамоем, ки тибқи муқаррароти моддаҳои 90-92 Кодекси андоз андозсупоранда уҳдадор аст, қоидаҳои умумии баҳисобгирии андозӣ, тартиби баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷоти худро аз ҷумла, бо усули хазинавӣ дар асоси маълумоти бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшуда барои давраҳои ҳисоботии дахлдор бо истифода аз усули баҳисобгирии муқаррарнамудаи Кодекси андоз ба роҳ монад.

Дар асоси муқарраротҳои болозикр, Тартиби истифодабарии низоми содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои андозсупорандагоне, ки низоми андозбандии содакардашударо истифода мебаранд (минбаъд – Тартиб) бо фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2023, №45 тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2023, №1236 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тартиби мазкур усули содакардашудаи баҳисобгирии даромадҳои субъектҳои низоми содакардашудаи андозбандиро муайян намуда, барои мақсадҳои ҳисоб намудани манбаи андозбандӣ истифода мегардад. Муқаррароти Тартиб барои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда), ки даромади умумии онҳо дар давраи на зиёда аз 12 (дувоздаҳ) моҳи пайдарпайи тақвимӣ аз 1 (як) миллион сомонӣ зиёд набуда, пешбурди баҳисобгирии даромад ва хароҷоти онҳо тибқи усули хазинавӣ ба роҳ монда шудааст, татбиқ мегардад.

Дар навбати худ, Тартиб барои мақсадҳои муайян намудани манбаи андозбандии субъектҳои дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда татбиқ намегардад.

Бо мақсади муайян намудани манбаи андозбандишавандаи субъектҳое, ки даромад ва хароҷоти онҳо бо усули ҳисоб ва замкунӣ ба ҳисоб гирифта шуда, андози низоми содакардашударо аз фарқияти даромад ва хароҷот пардохт менамоянд, манбаи андозбандӣ тибқи муқаррароти Кодекси андоз муайян карда мешавад.

Воситаҳои пулие, ки дар натиҷаи таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба хазина ё суратҳисоби бонкии субъект ворид мегардад, инчунин, маблағҳои тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва QR-рамз пардохтшуда, даромади андозбандишаванда маҳсуб меёбад. Даромади субъект маблағҳои воқеан ба хазина ва ё суратҳисоби бонкӣ воридшуда ба ҳисоб рафта, баҳисобгирии даромад дар лаҳзаи воридоти маблағ амалӣ карда мешавад.

Пардохти маблағи фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки аз ҷониби харидор тавассути воситаҳои электронӣ амалӣ карда шуда, ҳамзамон чеки дастгоҳи назорати хазинавӣ пешниҳод шудааст (амалиёти мазкур хусусияти дар як вақт ҳам дар суратҳисоби бонкӣ ва ҳам дар хазина инъикос гардиданро дорад), ҳангоми ҳисоб намудани даромади умумӣ як маротиба ба ҳисоб гирифта мешавад.

Мисоли 1: ҶДММ «А» ба харидори худ фурӯши телефони мобилиро ба маблағи 2200 сомонӣ анҷом дода, аз ҷониби харидор пардохти маблағ тавассути ҳамёни мобилӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон Ҷамъият ба маблағи мазкур чеки дастгоҳи назорати хазинавӣ пешниҳод намудааст, ки ҳангоми ҳисоб намудани даромади умумӣ амалиёти болозикр як маротиба ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар мавриди ба насия гирифтани амалиёти фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ маблағи амалиёт ҳамчун қарзи дебиторӣ ба ҳисоб гирифта шуда, ба таркиби даромади андозбандишаванда шомил карда намешавад. Ҳангоми дар муҳлати зиёда аз 6 (шаш) моҳи тақвимӣ амалӣ нагардидани пардохт барои мол, кор ва хизматрасонии фурӯхташуда маблағи мазкур барои мақсадҳои андозбандӣ пардохтшуда ҳисобида мешаванд.

Зимнан, қайд менамоем, ки воридоти маблағ ба суратҳисоби бонкӣ ва ё хазина дар натиҷаи амалиётҳо ба монанди пуркунии суратҳисоби бонкӣ аз ҳисоби маблағҳои нақди хазина, воридоти маблағи нақд ба хазина, ки дар натиҷаи гирифтани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби бонкӣ (нақдгардонӣ) амалӣ карда шуда, воридоти маблағ ба хазина ва суратҳисоби бонкӣ аз ҳисоби қарзҳои гирифташуда ва маблағгузорӣ (ё қарз)-и муваққатии саҳом ҳамчун даромади субъектҳо ба ҳисоб гирифта намешавад.

Мисоли 2: ҶДММ «А» бо мақсади пардохти сари вақтии андозҳои муқарраршуда аз ҳисоби маблағҳои нақди хазина ба суратҳисоби бонкии худ барои пуркунии суратҳисоб ба маблағи 50000 сомонӣ амалиёт анҷом медиҳад, ки чунин амалиёт ҳамчун даромади андозбандишавадаи Ҷамъият ба ҳисоб гирифта намешавад.

Ҳамзамон, амалиётҳои молиявию хоҷагидории субъектҳо бо усули сабти дутарафа дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки далели тасдиқкунандаи амалиёт маҳсуб меёбанд, ба ҳисоб гирифта шуда, барои ташкили пешбурди баҳисобгирии амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ роҳбар ва ё сармуҳосиби субъект масъул мебошанд.

Нисбат ба фаъолияти субъектҳое, ки пешбурди баҳисобгирии даромад ва хароҷоти онҳо тибқи усули хазинавӣ ба роҳ монда, усули ҳисоби андоз аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷотро истифода менамоянд, пешбурди баҳисобгирии амалиётҳои молиявию хоҷагидории худро тавассути китоби бақайдгирии амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ тибқи замимаи 1 Тартиб амалӣ менамоянд.

Дар китоби бақайдгирӣ даромад уҳдадориҳои дебиторию кредиторӣ ва хароҷоти субъектҳо дар ҳисобҳои дахлдори муҳосибӣ барои давраи муайян ҷамъбаст карда мешаванд. Китоби бақайдгирӣ дар ҳомилҳои қоғазӣ ва электронӣ барои ҳар моҳ тартиб дода мешавад.

Субъектҳое, ки дар фаъолияти онҳо амалиёти фурӯш мунтазам ба насия анҷом дода мешавад, ҷиҳати пешбурди баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо метавонанд шакли варақаи дар замимаи 2 Тартиб овардашударо истифода намоянд. Варақаи мазкур барои баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон пешбинӣ гардида, дар қисмати «Кредит»-и он маблағҳои аз ҷониби харидорон пардохтшуда ва дар қисмати «Дебет» маблағи мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳое, ки ба насия фурӯхта шудааст, ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми пуркунии маълумотҳо дар варақа бо роҳи гузаронидани бақияи ҳисоббаробаркунӣ бо харидорон аз варақаи моҳи гузашта истифода карда мешавад.

Мисоли 3: ҶДММ «А» ба соҳибкори инфиродии бо шаҳодатнома дар низомҳои махсуси андозбандӣ фаъолияткунанда ба маблағи 15000 сомонӣ молҳоро тариқи насия додааст, ки амалиётҳои мазкур дар замимаи 2 Тартиб бояд дарҷ карда шавад. Яъне, дар сутуни 9 аз ҷониби гирандаи насия - соҳибкори инфиродии бо шаҳодатнома дар низомҳои махсуси андозбандӣ фаъолияткунанда арзиши мол дарҷ карда шуда, дар сутуни 12 аз ҷониби ҶДММ «А» ҳамин маблағ инъикос карда мешавад.

Ҳамзамон, фарқият байни маблағи молҳои ба насия фурӯхташуда ва маблағи дар давоми давра аз ҷониби харидорон пардохтшуда ҳамчун қарздории кредиторӣ (дар сурати манфӣ) ё қарздории дебиторӣ (дар сурати мусбат) ба сутуни бақияи ба ҳолати охири давра гузаронида мешавад.

Дар дигар ҳолатҳо, амалиётҳои дар шаклҳои натуралӣ (мол) анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор дар давраи гузаронидани амалиёт ба манбаи андозбандӣ дохил гардида, андозсупорандагон вобаста ба амалиётҳои анҷомдода бояд ҳисоботи андозӣ пешниҳод намоянд. Дар сурати пешниҳод нагардидани ҳисобот аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз бо татбиқ намудани нархҳои бозорӣ бояд андозҳои дахлдорро ҳисоб намуда, ҷиҳати пардохти маблағҳои ҳисобшуда чораҷӯӣ намоянд.

Мисоли 4: ҶДММ «А» бо мақсади ташкили нуқтаи хизматрасонӣ ба ҶДММ «Б», ки ба иҷрои корҳои сохтмонӣ машғул мебошад, ба миқдори 300

адад тирезаҳои пластикии андозаи ҳар кадоми он 1,5 метри мураббаъро ташкил медиҳад, пешниҳод намуда, бар ивази он як хонаи ду ҳуҷрагӣ иборат аз 65 метри мураббаъро қабул намудааст, ки уҳдадории андозӣ вобаста ба арзиши бозории хонаи мазкур ба миён омада, амалиёти мазкур ҳамчун амалиёти бартерӣ эътироф гардида, мавриди андозбандӣ қарор дода шавад.

Бинобар ин, ҳангоми аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор мустақилона пешниҳод накардани эъломияҳои андоз бо татбиқ намудани нархҳои бозорӣ андозҳои дахлдор бо усули даромади умумӣ ҳисоб карда шуда, ҷиҳати пардохти сари вақтии он ҷораҷӯӣ намоянд.

Тибқи муқаррароти моддаи 123 Кодекси андоз ва Тартиб ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ, китоби бақайдгирӣ ва варақаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон бойгонӣ карда, барои давраи на кам аз 5 (панҷ) сол нигаҳдорӣ карда мешавад, ки барои таъмини нигоҳдории ҳуҷҷатҳо роҳбар ва ё сармуҳосиби субъект масъулият доранд.

Бо назардошти муқаррароти болозикр, сардорони Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандони гуруҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо мақсади минбаъд дуруст татбиқ намудани талаботи Тартиби болозикр ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар низоми содакардашуда семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, дар ин хусус лавҳа ва эълонҳо дар даромадгоҳҳои нозиротҳои андоз ҷойгир намуда, аз натиҷаи семинар-машваратҳои гузаронида ва корҳои дар ин самт анҷомдода ба Кумитаи андоз ахборот пешниҳод намояд.

*Замима: нусхаи фармоиши Вазири молия аз 03.05.2023, №45 ва Тартиби истифодаи низоми содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои андозсупорандагоне, ки низоми андозбандии содакардашударо истифода мебаранд, дар ҳаҷми _____ варақ.*

Раис Н. Давлатзода